# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар мавзуи «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ–ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст.**

Масоили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии Қонуннома Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ бешубҳа хеле мубрам аст. Таҳқиқоти мазкур нахустин кори муназзам ва маҷмуан суратгирифтаи сарчашмаи ҳуқуқии давлати Сосониён – "Қонунномаи Сосониён", ки қариб ҳазор қарори судӣ ва маъмуриро фаро мегирад, маҳсуб ёфта, таҳлилу баррасии ин паҳнои арзишҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ки ба таҳлилу омӯзиши мероси таърихию фарҳангии худ беш аз ҳарвақта ниёз дорад, муҳиммияти боз ҳам бештарро касб менамояд. Дар робитаи ба ин, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии М.С. Ҳоҷиев мубрам буда, он аз ҷиҳати назариявӣ муҳим ва аз ҷиҳати амалӣ хостордошта маҳсуб меёбад.

Қонунномаи Сосониён ба мураттабсозии ҳуқуқи асрҳои миёнаи кишварҳои шарқӣ ҳамчун манбаи тақлид хизмат кардааст ва ин ҳама аз назари табиати ҳуқуқӣ мансубияти эҷодиёти мардуми тоҷику-форс буд. Мавриди зикр аст, ки он масъалаҳои ба танзим даровардаи ин санади таърихӣ то имруз моҳияти худро гум накардааст ва қонунгузории давлатҳои муосир аз рӯи шакл ва моҳияти он сохта шудаанд.

М.С. Ҳоҷиев дар доираи диссертатсияи илмии худ дар мавзуи «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ–ҳуқуқӣ» тавонистааст, ки ҷиҳати расидан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои таҳқиқотии пешбинишударо ба ҳадди дахлдор ҳал намояд.

Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар зиёда аз 6 мақолаи илмии унвонҷӯ инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар баробари комёбиҳои зикршудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, баъзе эродҳоро низ нисбати он бояд иброз кард.

1. Дар сохтори кор танҳо се соҳаи ҳуқуқ пешбинӣ гардидааст (ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи судӣ). Ҳол он ки Қонунномаи Сосониён меъёрҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқро низ фаро гирифтааст ва муҳаққиқ метавонист дар як зербоби алоҳида онҳоро таҳлилу баррасӣ намояд.

2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд.

Эроди зикршуда хусусияти баҳсомез дорад ва бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсияи унвонҷӯ бармеояд, ки он дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, муқарраротҳо ва хулосаҳояш метавонанд дар пурра намудани норавшаниҳои таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, кушодани печидагиҳои илми таърихи соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи мурофиаи судӣ мукаммал намудани таълими таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва беҳтар намудани заминаи қонунгузории ҳуқуқи гражданӣ, оилавӣ ва мурофиавии муосир истифода шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои фавқ, метавон дар маҷмӯъ хулоса кард, ки диссертатсияи илмии таҳиякардаи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович дар мавзуи «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ–ҳуқуқӣ» кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ҷавобгӯйи тамоми талаботҳо (махсусан бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст) буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад.

Ходими калони илмии Шуъбаи
таърихи давлат ва ҳуқуқи ИФСҲ
ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ М.М. Холинова

Имзои Холинова М. М.-ро тасдиқ мекунам.

ш/к